# ТАҚРИЗИ МУШОВИРИ ИЛМӢ

**ба диссертатсияи Абдураҳимов Бахтиёр Абдураҳимович дар мавзуи «Таъсирпазирии мутақобилаи адабиёти навини тоҷик ва матбуот дар оғози асри ХХ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисосҳои 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ ва 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ**

Яке аз давраҳои ҳассос ва пурбаҳстарини шинохти таърихи адабиёти тоҷик ба оғози асри ХХ рост меояд, ки ин марҳалаи моломол аз ихтилофот, ҳам аз нигоҳи ташаккули адабиёти навин ва ҳам аз назари болои кор овардани матбуоти тоҷик ба печидагиҳои назарӣ ва таҳқиқӣ мувоҷеҳ гардида аст. Аммо, новобаста ба чунин мушкилот, дар ин замина барои рӯнамоии ҳақиқати таърихӣ саъйу талоши зиёди донишмандони варзидаи ватаниву хориҷӣ сурат гирифтаанд, ки барои шинохти ин давраи муҳимми адабиёт ва матбуоти тоҷик саҳми беназир гузошта ва тавонистаанд, ки дар ин самти таҳқиқот муваффақона иқдом гиранд.

Абдураҳимов Бахтиёр аз зумраи чунин пажуҳишгарони комёб аст, ки бо дарназардошти таҳқиқи ин давраи таърихии адабиёт ва матбуоти тоҷик рисолаи доктории худро бо номи **«Таъсирпазирии мутақобилаи адабиёти навини тоҷик ва матбуот дар оғози асри ХХ»** мутобиқ ба шиносномаи ихтисосҳои илмии **10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ ва 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ** таълиф намуда, ба мавзуъҳои ниҳоятан муҳим ва аз нигоҳи илмӣ ҷолиби он, ки ба сароғози айёми рӯ овардан ба бедориву худшиносии миллӣ ва як марҳилаи пуртазод, аммо ташаккул, рушд ва таҳаввули матбуот ва адабиёти навини тоҷик нақши созгор дорад, бахусус, бахшҳои ба таҳқиқ нарасидаи он дар оғози садаи ХХ, бо назари дақиқи илмӣ дахл намуда, барои ҳалли мақсади пешгузоштаи хеш дар самти таҳлилу баррасиҳо муваффақ гардидааст.

Абдураҳимов Бахтиёр дар кори хеш бештар ба манбаъҳои пайдоиши нашрияҳои нахустини тоҷикӣ дар оғози асри бист, аз ҷумла, осори муҳаққиқони соҳаи адабиёт ва рӯзноманигорӣ, таърихнигорон ва ҷомеашиносон, ки дар робита ба ин давраи пурбаҳси забон, адабиёт, матбуот ва воқеаҳои сиёсии замон, ба вуҷуд омадани аввалин воситаҳои ахбор, матбаа, ташаккули маориф ва тақвият ёфтани ақидаҳои

пурихтилоф болои кор омадаанд, назари дақиқ пеш оварда, дар маврид бо таваҷҷуҳ бар осори устод С. Айнӣ, А. Муҳиддинов, С.Табаров, М. Шакурӣ, Р. Ҳошим, Н.Салимӣ, А. Кӯчарзода, А. Маҳмадаминов, М. Раҷабӣ, М. Имомов, А. Набавӣ, И. Усмонов, И. Умняков, П. Гулмуродзода, Қ. Шарифзода, В. Самад, Н. Ғаффоров, Г. Дадобоева, А.Азимов, М. Рустамзода, О. Салимзода ва дигарон, инчунин, бо таваҷҷуҳ ба мақолоти дар рӯзномаву маҷаллаҳои дар ин давра ба табърасида ақидаҳои дақиқи илмӣ пеш оварда, дар таҳлилҳои хеш комёб шудааст.

**Навгонии** рисолаи илмӣ дар он аст, ки ба таҳқиқи масоили ҷойдоштаи матбуот ва адабиёт ва беш аз ин ба як давраи муайяни таҳаввулот дар худшиносии миллии мардуми тоҷик дар нимаи аввали садаи XX нигаронида шуда, аз ҷумла, муаллиф муҳимтарин масоили шаклгирии матбуот ва таҳаввули фикри бадеиву иҷтимоӣ дар адабиёти ин давраи пур аз гирудори қавмиву миллиятҳои ҷудогонаро дар зимни мавриди таҳқиқ қарор дода, ҷанбаҳои номуайян ва то кунун баррасӣ нагардидаи онро бо овардани далелҳои собиткунандаи илмӣ таҳқиқ намуда ва чунон ки аз муҳтавои рисола маълум мегардад, муаллиф тавонистааст, ки ҳадафҳои илмии худро дар рисола хуб натиҷагирӣ намояд.

Таҳқиқоти Абдураҳимов Б.А. дар мавзуи «Таъсирпазирии мутақобилаи адабиёти навини тоҷик ва матбуот дар оғози асри XX» дорои **аҳаммияти назарӣ ва арзиши амали вижа буда,** пеш аз ҳама, ин вежагӣ дар он аст, ки натиҷаҳои илмии он дар таҳияи дастур ва барномаҳои таълимию курсҳои алоҳидаи лексия ва гузарондани дарсҳои амалӣ оид ба ташаккули адабиёти навини тоҷик ва журналистика, таърихи адабиёт, таърихи журналистика дар факултетҳои журналистика ва филологияи тоҷики муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода карда шавад.

Ҳамчунин, **арзишу аҳаммияти амалии таҳқик**ро метавон дар он арзёбӣ кард, ки хулосаи диссертатсияро дар ташкили курсҳои нав дар факултетҳои филология ва журналистика мавриди истифодаи васеъ метавон қарор дод. Дар заминаи ин таҳқиқ корбурди матолиби бадеӣ дар нашрияҳои тоҷикӣ барои иҷрои ҳадафҳои касбии худ чун тарғибу

ташвиқ ва иттилоърасонӣ ба чаҳорчӯбаи муайян даромада, он ҳамчун дастур истифода мешавад.

Абдураҳимов Бахтиёр маъхазҳои илмиро бо хулосагириҳои дақиқназарона омӯхта, бо чунин мақсад пайгирӣ кардааст:

1) Нишон дода тавонистани саҳми матбуот дар адабиёт ва баръакс, саҳми адабиёт дар пайдоиши жанрҳои нави матбуотӣ;

2) Рӯнамоии жанрҳои нави адабиёти бадеӣ дар матбуоти даврӣ;

3) Усули истифодаи осори бадеӣ дар рӯзномаву маҷаллаҳо ва умуман нахустин матбуоти тоҷикӣ;

4) Баррасии нақши матбуот дар ташаккули забони адабии тоҷик, дар пайдоиши нақду адабиётшиносӣ ва тарғиби он барои тарбияи адибони ҷавон.

Рисолаи докторӣ аз муқаддима, панҷ боб ва шонздаҳ фасли мантиқан мураттаб, хулоса ва рӯйхати сарчашмаву адабиёти истифодашуда иборат аст ва ҳаҷму мундариҷаи он ба талаботи диссертатсияҳои илмӣ ҷавобгӯй мебошад.

Рисола мутобиқи нақша матраҳ гардида, аз тамоми талабот ва меъёрҳои илмии замон бархурдор аст.

Муаллифи рисола ба таҳқиқи заминаҳои пайдоиши нашрияҳои нахустини тоҷикӣ ва ҳадафи нашри осори бадеӣ дар онҳо, таъсиргузории адабиёти бадеӣ ба матбуоти тоҷик ва шакл, услуб, ҷараён ва жанрҳои асарҳои бадеӣ дар нашрияҳои аввалини тоҷикӣ ақидаронӣ кардааст. Дар идома ба хусусиятҳои жанрии асарҳои бадеии чопшуда дар матбуоти давр, махсусиятҳои ашъори иҷтимоӣ ва навоварона дар матбуоти аввалини тоҷикӣ, баррасии вежагиҳои жанрҳои гуногуни насри бадеӣ, тарҷумаҳои нахустини бадеӣ, саҳми «Бухорои шариф» ва «Оина» дар баррасӣ ва инъикоси масъалаҳои бахусус забон ва забони адабии тоҷик, масъалаҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар матбуотро мавриди таҳқиқот қарор дода, ба дастовардҳои илмӣ ноил шудааст.

Ӯ, ҳамчунин, хусусиятҳои бадеию публитсистии матбуоти даврони навинро дар иртибот ба фаъолияти эҷодии устод Айнӣ дар маҷаллаи «Шуълаи инқилоб», нақши «Тозиёна» – аввалин гӯшаи ҳаҷвию танқидӣ, публитсистикаи бадеӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллиро мавриди таҳқиқ қарор дода, дар боби чаҳор ба таҳқиқи мавзуи адабиёти солҳои бистум

мепардозад ва дар ин маврид таваҷҷуҳи бештари хешро ба инъикоси масъалаҳои адабиёт ва маънавиёт дар нашрияҳои аввалини Ҷумҳурии мухтори Тоҷикистон, инчунин, нигоҳе ба саҳифаи адабии рӯзномаи аввалини Ҷумҳурии мухтори Тоҷикистон – «Бедории тоҷик» равона месозад.

Муаллиф рисолаи хешро бо овардани далелҳои илмӣ дар робита ба маводи мунташира дар матбуоти давр амсоли «Бухорои шариф», «Овози тоҷик», «Оина», «Дониш ва омӯзгор», «Раҳбари дониш», инчунин, номаҳои адибон ва ёддоштҳои батабърасида, аз ҷиҳати илмӣ хеле пурбор намуда, саъй кардааст, ки хонандаро ба умқи масъала бештар ошно гардонад ва дар ин замина кори илмии худро бо дарёфти маъниҳои тозаи таҳқиқӣ ва таҳлилӣ боз ҳам ғанитар намояд.

Диссертант аз рӯйи мавзуи таҳқиқоташ дар маҷмуъ **27 мақолаи илмӣ ва як монография ба нашр расонидааст, ки аз он 15 мақола** дар саҳифаҳои маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудаанд, интишор ёфтаанд. Инчунин, **12 мақолаи** илмии дигари номбурда дар маҷмуаҳои илмӣ нашр гардидаанд, ки онҳо мазмуну муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.

Рисолаи доктории мазкур аз назари илмӣ мувофиқи мақсад буда, тавсияҳои муаллиф оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ низ ба талаботи илмӣ мутобиқ мебошанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқарраротӣ ба ҳимоя пешниҳодшуда, мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ ва маърузаҳояш дар конференсияҳо таъйид мекунанд.

Дар хулоса бояд афзуд, ки рисола дар доираи илмӣ-таҳқиқотӣ бо маҳорати баланди таҳлилӣ ва илмӣ болои кор омада, аз заҳмати ҷӯёиву илмии муаллиф гувоҳ медиҳад.

Диссертатсияи Абдураҳимов Бахтиёр Абдураҳимович дар мавзуи **«Таъсирпазирии мутақобилаи адабиёти навини тоҷик ва матбуот дар оғози асри XX»** ба талаботи бандҳои 32-35-уми Тартиби додани

дарачаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум таҳти №267-ум тасдиқ шудааст, инчунин, талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисосҳои 10. 01. 01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ ва 10. 01. 10 – Рӯзноманигорӣ сазовор мебошад. Бо назардошти нуктаи мазкур ҳамчун мушовири илмӣ онро барои баррасӣ дар зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя тавсия менамоям.

**Доктори илмҳои филологӣ,**
**профессори кафедраи рӯзноманигории**
**ватанӣ ва байналмилалии**
**Донишгоҳи (Славянии)**
**Россия ва Тоҷикистон** **Абдуллозода Масрур Аҳмад**

**«25» апрели соли 2025**

Нишонӣ: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
к. Испечак 2, М – 12, бинои 1, хонаи 16.
Телефон: (+992) 98 - 806 - 86 - 01.
E-mail: masrur_a@mail.ru

**Имзои Абдуллозода Масрур Аҳмадро тасдиқ мекунам:**
**сардори раёсати кадрҳои Донишгоҳи**
**(Славянии) Россия ва Тоҷикистон** **Раҳимов А.А.**

Нишонӣ: 734025, ш. Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ,
кӯчаи Мирзо Турсунзода, 30.
Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон
Тел.: +992 37 2279293, +992 37 2213550; сомона: www.rtsu.tj

«25» апрели соли 2025.